МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Китобчаи ТЕСТ 2024

**Қисми А.4**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Ҳуқуқ
- ☑ Забони хориҷӣ

**Варианти**

# 3

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **ҳуқуқ** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, ҳуқуқ** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

| ! | *Масалан, агар Шумо варианти "B"-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | A B C D<br>○●○○ |
|---|---|---|

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

| ! | *Масалан, агар ба унсури "A", ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури "B" рақами 4, ба унсури "C" рақами 1 ва ба унсури "D" рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:* | 1 2 3 4 5<br>A ○●○○○<br>B ○○○●○<br>C ●○○○○<br>D ○○○○● |
|---|---|---|

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

| ! | *Масалан, агар Шумо соли **1917**-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:* | 1 9 1 7 |
|---|---|---|

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!**
> Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи **«*Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам*»-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

> **!**
> Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:
> - гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;
> - иваз кардани ҷойҳо ва (ё) китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;
> - гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;
> - аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва (ё) маводи дигари барои баргузории имтиҳон пешбинишуда.
>
> Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд.

### ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

> **!** Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад.

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Садоноки *ӯ* дар кадом калимаҳо дуруст навишта шудааст?**

**A)** дорӯ, орзӯ

**B)** абрӯ, бозӯ

**C)** зӯҳра, кӯҳна

**D)** лӯбиё, лӯлакабоб

**2** **Дар калимаи *<u>ҷорӣ</u>*-и ҷумлаи зерин ҳарфи *ӣ* чӣ вазифа дорад?**

***Ҳанӯз ҳамон як осиёб об, ки дар хурдсолӣ канораш менишаст, аз ин ҷо <u>ҷорӣ</u> буд.***

К. Мирзоев

**A)** овози таркиби реша

**B)** пасванди калимасоз

**C)** бандаки хабарӣ

**D)** бандаки феълӣ

**3** **Имлои кадом калима нодуруст аст?**

***То ба гӯши дилбарон хонам сурӯд,***
***То бигӯям дӯстонамро дуруд.*** М. Турсунзода

**A)** гӯши

**B)** сурӯд

**C)** бигӯям

**D)** дуруд

**4** **Кадом калима бо калимаи *бахтиёр* дар ҷумлаи зерин ҳаммаъност?**

***Дар дунё бахтиёр он касе аст, ки соҳиби илм ва дониш бошад.*** С. Айнӣ

**A)** доно

**B)** оқил

**C)** хушбахт

**D)** дурандеш

**5** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зидмаънои калимаи *<u>бетартиб</u>*-ро гузоред:**

***Ойини артишдории эрониён реша ба замони қабл аз Куруш дорад ва дар аҳди Ҳахоманишҳо он гуна ... буд, ки дар ҷаҳон назир надошт.***

Аз “Таърихи Масъудӣ” -и Абулфазли Байҳақӣ

**A)** машҳур

**B)** муайян

**C)** мураккаб

**D)** муназзам

**6** **Ибораи рехтаи “*сирру пиёзро гуфтан*” ба чӣ маънӣ истифода шудааст?**

***То ҳама сирру пиёзатро дона-дона гуфта боб накунам, номам Зиёданисо набошад!*** А. Деҳотӣ

**A)** кирдору амали касеро тавсиф намудан

**B)** аз кору амали неки инсоне сухан гуфтан

**C)** аз сабзиюу пиёзи хонаи касе истифода намудан

**D)** асрор ва кирдорҳои бади касеро ошкор намудан

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Шояд дар дақиқаҳои охир аз баромадан ба намоиш ...?*** Ӯ. Кӯҳзод

**A)** даст дода бошанд

**B)** даст кашида бошанд

**C)** даст афшонда бошанд

**D)** даст ба гиребон шуда бошанд

**8** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Ширмаҳтоб оҳиста-оҳиста дур мешуду сояҳо бузургтар. Шаб оҳангҳои худро менавохт: аз хами чормағзҳо тоқа-тоқа фарёди чокаке шунида мешуд, чирчи-ракҳо, қурбоқаҳо ҳанӯз хоб надоштанд, низ гоҳ-гоҳ хониши беҷуръатонаи булбуле ба гӯш мерасид, ки ба дил қувват мефузуд. Насими мулоиме вазида, накҳати садҳо гулу гиёҳи атрофро омехтаву пирешида ба машом меовард.*** Ҷ. Акобир

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**9** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз *асосҳои замони ҳозира* ва *гузаштаи феъл* сохта шудааст?**

**A)** корбаст

**B)** бастабанд

**C)** бандубаст

**D)** шикастабанд

**10** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** беҳтарин, донотарин

**B)** бехатар, пурхатар

**C)** хеле дур, беҳад олӣ

**D)** дилсӯзтар, азизтар

**11** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи тартибии мураккаб*ро гузоред:**

***Соли ... ба Вахш кӯчида омадем.*** С. Улуғзода

**A)** панҷоҳум

**B)** сиюякум

**C)** аввал

**D)** сиюм

**12** **Дар ҷумлаи зер калимаҳои ишорашуда ба кадом *навъи ҷонишинҳо* дохил мешаванд?**

***Дар ҳақиқат ҳам <u>ин</u> об <u>ҳамон</u> оби барфу боронҳо аст, ки аз мағзи сангпораҳои кӯҳ софкорӣ ёфта баромадааст.*** С. Айнӣ

**A)** таъинӣ
**B)** таъкидӣ
**C)** ишоратӣ
**D)** номуайянӣ

**13** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Ҳамин ки офтоб тасфида саросари ҳавлии ӯро ба зери болҳои зарҳалинаш мегирифт, вай ... ба рӯйи суфа мебаромад.*** Ҷ. Акобир

**A)** ошкоро
**B)** хурсанд
**C)** ногаҳон
**D)** тасодуфан

**14** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Ман китобҳои навбанави устод Айниро мехондам ... дар дилам орзуе ҷӯш мезад, ки бо нависандаи ин китобҳои аҷиб шинос шавам.*** П. Толис

**A)** ва
**B)** гӯё ки
**C)** агарчи
**D)** ба тавре ки

**15** **Иборае, ки дар қолаби *исм+сифати феълӣ* сохта шудааст:**

**A)** имрӯза борон
**B)** ҳамин мактаб
**C)** мақолаи чопшуда
**D)** саёҳати Ҳиндустон

**16** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

***Баъд ба кадом як анбори заҳи хиштини зеризаминӣ ҷудо-ҷудо ба ҳабс ... .*** Ф. Ниёзӣ

**A)** андохт
**B)** андохтанд
**C)** бояд меандохт
**D)** андохтан лозим буд

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Виркан араби миёнсоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид.***
С. Улуғзода

**A)** ҳол
**B)** хабар
**C)** пуркунанда
**D)** муайянкунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Дилёб ... боз ба ҷояш мешинад.*** А. Самад

**A)** хиҷолатманд

**B)** мустаманд

**C)** хирадманд

**D)** орзуманд

**19** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Тӯтапошо ҳар гоҳ ба хонааш меомад, ... , аз ману Мухтор хабар мегирифт.***

С. Айнӣ

**A)** аҷаб не

**B)** эҳтимол

**C)** албатта

**D)** дарвоқеъ

**20** **Кадом асари Садриддин Айнӣ ба мавзуи мубориза халқи тоҷик бар зидди истилогарони араб бахшида шудааст?**

**A)** “Хари бедум”

**B)** “Деви ҳафтсар”

**C)** “Аҳмади девбанд”

**D)** “Исёни Муқаннаъ”

**21** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Агар **гуфтан** сим аст, ... зар аст,<br>Агар коҳ аз ту нест, коҳдон аз ту аст. Авҳадии Марозӣ | **1)** фароз |
| **B)** **Зоҳир**и даъваташ нек буду ... -аш бад. Фиристода ба лашкаргоҳи Ковус рафта ӯро хабар кард. Аз “Достонҳои Шоҳнома” | **2)** баланд |
| **C)** Рӯзгори одамӣ пур аз ... -у **шеб**ҳост,<br>То ба баҳре рӯд резад ҳаст дар ранҷу азоб. Ашӯр Сафар | **3)** баҳр |
| **D)** Зи бас андешаи ... -у **бар**ам нест,<br>Хаёли решаи хушку тарам нест. Гулрухсор | **4)** ботин |
| | **5)** хомӯшӣ |

**22** **Ба ҷойи сенуқта зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ман ... шод будам. С. Улуғзода | **1)** ноилоҷ |
| **B)** ... дар ин ҷо кӣ ҷомашӯйӣ карда буд? – гӯён фарёд кард. С. Айнӣ | **2)** имрӯз |
| **C)** Медонӣ, лекин ... худро ба нодонӣ мезанӣ! С. Айнӣ | **3)** оҳиста |
| **D)** Эй сорбон, ... рон, к-ороми ҷонам меравад. Саъдии Шерозӣ | **4)** беҳад |
| | **5)** қасдан |

**23** **Аз калимаҳои зерин ибора созед:**

| | |
|---|---|
| **A)** савганд | **1)** дӯхтан |
| **B)** суҳбат | **2)** пазондан |
| **C)** чашм | **3)** ёд кардан |
| **D)** даст | **4)** оростан |
| | **5)** ёфтан |

**24** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Биёбони васеи бедолу дарахтро теппаҳои реги сурх фаро гирифта буданд.***

С. Айнӣ

| | |
|---|---|
| **A)** биёбон | **1)** ҳол |
| **B)** теппаҳои рег | **2)** хабар |
| **C)** васеи бедолу дарахт | **3)** мубтадо |
| **D)** фаро гирифта буданд | **4)** пуркунанда |
| | **5)** муайянкунанда |

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян намоед:**

**A)** Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.
Абушакури Балхӣ

**C)** Ҳар он кас ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор беҳтар бувад.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** Шахси хирадманд ҳамеша беозор ва нармгуфтор аст.

**2)** Он беҳ, ки шахси бедониш дар сухан накӯшад.

**3)** Илм раҳнамою раҳкушо ва нигаҳбон аз ҳар балост.

**4)** То мард сухан нагӯяд, айбу ҳунараш пӯшида бимонад.

**5)** Гапи ногувор одамро мекушад, аммо гуфтори ширин дилҳоро нарм мекунад.

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Ёдгории фарҳанги буддоӣ – Аҷинатеппа дар кадом водӣ ҷойгир аст?**

**A)** Вахш

**B)** Зарафшон

**C)** Рашт

**D)** Ҳисор

**2** **Муҳорибаи Сраник байни кӣ ба амал омада буд?**

**A)** Хилофати Араб ва Сосониён

**B)** муғулҳо ва Хоразмшоҳиён

**C)** Рум ва Ашкониён

**D)** юнону макдуниҳо ва Ҳахоманишиён

**3** **Ғӯрак ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** арабҳо

**B)** муғулҳо

**C)** юнону макдуниҳо

**D)** туркҳо

**4** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Аббосиён

**B)** Тоҳириён

**C)** Салҷуқиён

**D)** Шайбониён

**5** **Дар давлати Ғуриён кадом сулола ҳукмронӣ мекард?**

**A)** Музаффариён

**B)** Бармакиён

**C)** Шинасбониён

**D)** Сомониён

**6** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***“Гарчӣ баъдтар ба тиб машғул гардида бошад ҳам, дар ин соҳа ба дастовардҳои беназир ва ба лақаби пурифтихори “Ҷолинуси муслимин” ноил гардид. Осори ӯ «Китоб-ул-ҳовӣ фи-т-тиб», «Китоб-ут-тиб ал-Мансурӣ» ва «Китоб-ул-ҷадарӣ ва-л-ҳасба» дар илми тиб машҳуртарин ва боарзиштарин дониста шудаанд”*****?**

**A)** Абурайҳони Берунӣ

**B)** Абунасри Форобӣ

**C)** Абубакр Закариёи Розӣ

**D)** Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ

**7** **Муаллифи “Таърихи Масъудӣ”:**

**A)** Абулфазли Байҳақӣ
**B)** Абусаиди Гардезӣ
**C)** Зайниддини Ҷурҷонӣ
**D)** Абунасри Утбӣ

**8** **Таназзули кадом давлат пайомади забткориҳои Темурланг буд?**

**A)** Хоразмшоҳиён
**B)** Музаффариён
**C)** Салҷуқиён
**D)** Шайбониён

**9** ***Сарона*** **чист?**

**A)** андози давлатӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** шакли заминдорӣ
**D)** воҳиди маъмурӣ

**10** **Пайомади эъзомияи Искандаркӯлро дар соли 1870 муайян кунед.**

**A)** пахши Шӯриши Восеъ
**B)** аз байн бурдани Хонии Қӯқанд
**C)** тобеи Русия гардонидани мулкҳои саргаҳи Зарафшон
**D)** дар Бухорои Шарқӣ барпо гардидани Ҳокимияти Шуравӣ

**11** **Сухан дар бораи кадом мақоми идорӣ меравад:** ***”... соли 1921 дар ҳайати 3 нафар: Ш. Шоҳтемур – намояндаи Помири Ғарбӣ, Т. Ҳусейнбоев – намояндаи Помири Шарқӣ ва Т.М. Дяков – намояндаи дастаи сарҳадии Помир ва КИМ-и Туркистон таъсис ёфта буд”*****?**

**A)** Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ
**B)** Кумитаи инқилобӣ
**C)** Ташкилоти ҳарбии Туркистон
**D)** Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ

**12** **Ташкили совхозҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат марбут аст?**

**A)** саноатикунонӣ
**B)** бозсозӣ
**C)** коммунизми ҳарбӣ
**D)** коллективонӣ

**13** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад:** ***“1-уми сентябри соли 1939 ... сар шуд. Сабаби саршавии ҷанг аз сари нав тақсим кардани ҷаҳони тақсимшуда буд. Баҳонаи саршавии ҷанг ҳуҷуми Германия ба Полша гардид”*****?**

**A)** Ҷанги Қрим
**B)** ҷанги байни ИҶШС ва Финландия
**C)** Ҷанги дуюми ҷаҳон
**D)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**14** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми феврал кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

**B)** Рӯзи Ваҳдати миллӣ

**C)** Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**D)** Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ

**15** **Давоми дурусти ҷумларо муайян кунед:** ***Санаи 18-уми июли соли 1997 қариб 600 намоянда аз тамоми ҷумҳурӣ дар Театри давлатии опера ва балети ба номи С. Айнӣ ҷамъ омада, ...***

**A)** “Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон”-ро созмон доданд.

**B)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карданд.

**C)** ба “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” имзо гузоштанд.

**D)** Комиссияи оштии миллиро таъсис доданд.

**16** **Дар расм кадом дастгоҳи ҷангии одамони қадим тасвир шудааст?**



**A)** тӯп

**B)** қалъакӯб

**C)** кушканҷир

**D)** манҷаниқ

**17** **Пайомади табадуллоти “9-уми термидор” дар Фаронса**.

**A)** ғалабаи Инқилоби Бузурги Фаронса

**B)** ба сари ҳокимият омадани якобинчиён

**C)** ба сари ҳокимият омадани Наполеон Бонапарт

**D)** оғози Ҷанги садсола

**18** **Маҳатма Ганди ходими сиёсии кадом давлат буд?**

**A)** Ҳиндустон

**B)** Афғонистон

**C)** Эрон

**D)** Покистон

**19** **Мафҳуми “голлизм” ба таърихи кадом кишвар марбут аст?**

**A)** Русия

**B)** Чин

**C)** Эрон

**D)** Фаронса

**20** **Сензура чист?**

**A)** назорати қатъии нашриёҳо ва воситаҳои ахбори умум

**B)** муносибати шахс ва ё гурӯҳи одамон ба равандҳои таърихӣ ва нақши онҳо дар ин ҷараён

**C)** ба ҳам наздикшавӣ, мувофиқсозӣ ва ҳамкориҳои судманд

**D)** шартнома ё созишномаи байналхалқӣ

**21** **Мувофиқати муаллиф ва асарро муайян намоед:**

**A)** Атомалики Ҷувайнӣ
**B)** Носири Хусрав
**C)** Абуалӣ ибни Сино
**D)** Муҳаммад Ҳакимхон

**1)** “Мунтахаб-ут-таворих”
**2)** “Ал-Қонун фи-т-тиб”
**3)** “Сафарнома”
**4)** “Таърихи Ҷаҳонкушо”
**5)** “Таърихи Бухоро”

**22** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** дороӣ (дорик)
**B)** суюрғол
**C)** ҳиҷрӣ
**D)** ҷизя

**1)** андоз аз ғайримусулмонон
**2)** ҷашн
**3)** шакли заминдорӣ
**4)** воҳиди пулӣ
**5)** солшумории мусулмонӣ

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** Ойгул Маҳмадҷонова
**B)** Қаландаршоҳ
**C)** Шириншо Шоҳтемур
**D)** Гавҳар Пиракова

**1)** Шоири халқии Тоҷикистон
**2)** Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ
**3)** сардори шӯриш дар Қаротегин
**4)** Қаҳрамони Тоҷикистон
**5)** лочиндухтари тоҷик дар солҳои ҶБВ

**24** **Мувофиқати воқеа (раванд, падида) ва давлатро муайян кунед:**

**A)** Инқилоби Октябр
**B)** “Инқилоби махмалин”
**C)** Инқилоби савр
**D)** “Инқилоби сафед”

**1)** Русия
**2)** Афғонистон
**3)** Эрон
**4)** Чехословакия
**5)** Фаронса

**25** **Воқеаҳои аҳди давлати Сосониёнро муайян намоед.**

**1.** ба тахт нишастани Ардашери Бобакон
**2.** ғалабаи сакоиҳои тӯр бо роҳбарии Арсак (Аршак) бар лашкари Андрагор
**3.** шикасти лашкари Дориюш дар муҳорибаи назди Гавгамел
**4.** ҷангҳои Шопури I ба муқобили Рум
**5.** ба имзо расидани сулҳи Нисибин бо Рум

**Се рақами ҷавобҳои дурустро мувофиқи пайдарҳамии хронологӣ нависед.**

**26** ***“Мақоми муҳим ва доимамалкунандаи СММ ... буда, ба зиммаи он масъулияти асосии пойдор намудани сулҳу амнияти байналмилалӣ вогузор шудааст”.***




**Мақоми СММ, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар ҷадвал бо кадом рақам ишора шудааст?**

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Қарор ва фармоиш санадҳои кадом мақомоти давлатианд?**

**A)** Суди конститутсионӣ
**B)** Прокуратура
**C)** Ҳукумат
**D)** Суди Олӣ

**2** **Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагонро кӣ мекушояд?**

**A)** вакили синнаш калонтарини Маҷлиси намояндагон
**B)** узви ҳизби ғолиби интихобот
**C)** узви синнаш калонтарини Маҷлиси миллӣ
**D)** узви якумраи Маҷлиси миллӣ

**3** **Кадом мақомоти давлатӣ ҳалномаро дар бораи фарзандхондии кӯдак қабул менамояд?**

**A)** прокуратура
**B)** мақомоти васоят ва парасторӣ
**C)** Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак
**D)** суд

**4** **Нисбат ба кӣ ҳабси маъмурӣ татбиқ карда намешавад?**

**A)** донишҷӯ
**B)** шаҳрванди хориҷӣ
**C)** шахси мансабдор
**D)** зани ҳомила

**5** **Тафсири расмии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом шакл қабул карда мешавад?**

**A)** амр
**B)** қонуни конститутсионӣ
**C)** қонуни одӣ
**D)** қарор

**6** **Судяҳои суди шаҳрро кӣ ба вазифа таъйин мекунад?**

**A)** Раиси шаҳр
**B)** Раиси суди шаҳр
**C)** Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**7** **Барои номзад ба вакили Ҷамоат шудан шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чанд сол дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор истиқомат дошта бошад?**

**A)** на камтар аз ду сол

**B)** на камтар аз се сол

**C)** на камтар аз як сол

**D)** на камтар аз чор сол

**8** **Ноболиғон дар кадом навъи колонияҳои тарбиявӣ муҳлати муайяншудаи ҷазоро мегузаронанд?**

**A)** низомашон умумӣ

**B)** низомашон махсус

**C)** низомашон сахт

**D)** низомашон назоратӣ

**9** **Фирӯз 16-сола шуд. Кадоме аз амалҳои зерин вазъи ҳуқуқии ӯро муайян мекунад?**

**A)** аъзои ҳизби сиёсӣ шудан

**B)** мустақилона бо молу мулки ғайриманқул анҷом додани аҳдҳо

**C)** иштирок намудан дар раъйпурсӣ

**D)** мустақилона музди кори худро ихтиёрдорӣ намудан

**10** **Дар кадом ҳолат никоҳ дар суд қатъ карда мешавад?**

**A)** Агар ҳамсарон зиёда аз 10 сол дар акди никоҳ қарор дошта бошанд.

**B)** Агар ҳамсарон ду ва зиёда фарзанди ба балоғат расида дошта бошанд.

**C)** Агар ҳамсарон аҳдномаи никоҳ надошта бошанд.

**D)** Агар ҳамсарон фарзанде дошта бошанд, ки нав 5-сола шудааст.

**11** **Усули ифодаи розигии давлат дар бобати ба худ қабул кардани уҳдадориҳо аз рӯйи қарордодҳои байналмилалӣ.**

**A)** имплементатсия

**B)** имзо кардан

**C)** денонсатсия

**D)** ратификатсия

**12** **Дар Тоҷикистон шахси бетабаа аз кадом ҳуқуқ маҳрум аст?**

**A)** ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ

**B)** ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ

**C)** ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ

**D)** ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ

**13** **Дар кадом давра ҳуқуқ ва озодиҳои инсон расман эътироф карда шуда буданд?**

**A)** Асрҳои миёна

**B)** Давраи феодалӣ

**C)** Замони нав

**D)** Давраи муосир

**14** **Кадом ашхос ҳуқуқи аъзои ҳизби сиёсӣ шуданро надоранд?**

**A)** кормандони мақомоти корҳои дохилӣ

**B)** кормандони муассисаҳои илмӣ

**C)** хизматчиёни давлатӣ

**D)** кормандони муассисаҳои таълимӣ

**15** **Дар давраи вазъияти фавқулода кадом ҳуқуқи инсон маҳдуд карда мешавад?**

**A)** ҳуқуқ ба ҳаёт

**B)** ҳуқуқ ба муттаҳид шудан

**C)** ҳуқуқ ба таҳсил

**D)** ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ

**16** **Шариф барои баҳои бад мунтазам аз тарафи падараш лат мехӯрад. Кадом шакли зӯроварӣ нисбат ба кӯдак амалӣ карда шудааст?**

**A)** эҳсосӣ

**B)** равонӣ

**C)** иқтисодӣ

**D)** ҷисмонӣ

**17** **Шакли худмуайянкунии сиёсиеро муайян намоед, ки он асосан мансуби ақаллиятҳои миллиест, ки дар дохили давлатҳои алоҳидаи соҳибихтиёр зиндагӣ доранд.**

**A)** дохилӣ

**B)** бевосита

**C)** бавосита

**D)** беруна

**18** **Мукаллафияти шахсе, ки бо шартномаи меҳнатӣ кор мекунад (эмансипатсия).**

**A)** комил

**B)** маҳдуд

**C)** қисман

**D)** нопурра

**19** **Гирифтани розигии кӯдак ҳангоми ба фарзандхонди додани ӯ аз чандсолагӣ ҳатмӣ мебошад?**

**A)** 7-солагӣ

**B)** 10-солагӣ

**C)** 9-солагӣ

**D)** 8-солагӣ

**20** **Марҳилаи сеюми рушди таърихии консепсияи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ ба чӣ бахшида шудааст?**

A) пайдоиши истилоҳи “ақаллияти миллӣ” ҳамчун категорияи мустақил

B) эътироф ва дастгирии махсусиятҳои ақаллиятҳои миллӣ

C) кӯшиши татбиқи ҳуқуқҳои ақаллиятҳои миллӣ дар асоси принсипи баробарӣ

D) ба ақаллиятҳои миллӣ додани ҳуқуқи худмуайянкунӣ ва ташкили давлати мустақил

**21** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) ваколати нотариати давлатӣ

B) ваколати прокуратура

C) ваколати адвокатура

D) ваколати мақомоти САҲШ

1) расонидани ёрии ҳуқуқӣ

2) додани шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос

3) назорати иҷро гардидани қонунҳо аз ҷониби вазорат ва идораҳои давлатӣ

4) баррасӣ ва ҳаллу фасли баҳсҳои иқтисодӣ

5) ба қайди давлатӣ гирифтани таваллуд

**22** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) ҳалли баҳсҳо байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо

B) таъсиси судҳо

C) таъсис додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ

D) таъсиси вазорат ва кумитаҳои давлатӣ

1) Суди конститутсионӣ

2) Маҷлиси намояндагон

3) Маҷлиси миллӣ

4) Президент

5) Прокурори генералӣ

**23** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) ҷиноят ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ

B) ҷиноят ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ

C) ҷиноят ба муқобили моликият

D) ҷиноят ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ

1) одамкушӣ

2) авбошӣ

3) дуздӣ

4) тахрибкорӣ

5) хунукназарӣ

**24** **Мувофиқатро муайян намоед:**

A) иштироки шаҳрвандон дар интихобот ва раъйпурсиҳо

B) гирифтани ризоияти бемор барои ташхисҳои гуногун

C) махфияти мукотибот, гуфтугӯҳои телефонӣ, мухобироти почтавӣ

D) ташкил кардани ҳизби сиёсӣ

1) ҳуқуқ ба иштирок дар идоракунии давлат

2) ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият

3) ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ

4) ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ

5) ҳуқуқ ба муроҷиат

**25** **Мувофиқатро муайян намоед:**

**A)** маҷлис
**B)** манифестатсия
**C)** пикет
**D)** роҳпаймоӣ

**1)** омезиши навъҳои гуногуни чорабиниҳои оммавӣ
**2)** иштироки якҷояи шаҳрвандон дар ҷойи қаблан муайяншудаи ҷамъиятӣ ва вақти қаблан муайянгардида барои муҳокимаи дастаҷамъӣ ва ҳалли ягон масъала
**3)** як навъи намоиши шаҳрвандон бо тарзи ҳаракат бо маршрути қаблан муайяншуда
**4)** шакли ошкоро баён кардани афкори дастаҷамъӣ ё инфиродии шаҳрвандон бо роҳи ҷойгирсозии онҳо дар назди объекти пикетшаванда
**5)** шакли муташаккили ифодаи афкори ҷамъиятӣ, дастгирии оммавии қарорҳо, талабот ва дигар муроҷиатҳои шаҳрвандон аст, ки дар ҷой ва вақти қаблан муайяншуда гузаронида мешавад

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Family Lives with Lions**

A Gazan refugee bought the baby lions from a zoo after the economic situation forced the zoo keeper to sell them.

The owner used to take the cubs back to the zoo every night to be breastfed by their mom, but recently they have been weaned and now live in the family home all the time. The cats also became part of the local community and children play with them when they go out for walks.

The cubs look quite at home with the family, but animal experts warned that having lions at home with children can be dangerous and that they will need a more suitable environment when they grow bigger.

**1** **A Gazan … bought the baby lions.**

**A)** immigrant
**B)** diplomat
**C)** astronaut
**D)** delegate

**2** **A zoo owner sold the lions because of the … economic situation.**

**A)** difficult
**B)** suitable
**C)** available
**D)** favourable

**3** **The cubs´ mother was giving them … when they were babies.**

**A)** drink
**B)** meat
**C)** food
**D)** milk

**4** **The young lions live in the … of their new owner.**

**A)** house
**B)** farm
**C)** zoo
**D)** yard

**5** **The young lions are very … with children.**

**A)** unkindly
**B)** friendly
**C)** angry
**D)** unsafely

**6** **Lions are … animals and having them at home is very dangerous.**

**A)** omnivores
**B)** insectivorous
**C)** predatory
**D)** herbivorous

**7** **Experts are sure that lions need suitable …**

A) owner
B) care
C) habitat
D) family

**8** **The story is about …**

A) eco experts
B) animal instinct
C) unusual pets
D) ordinary family

**Read the text and choose the right answer 9-16.**

**Angry Animal**

A 26-year-old man went running in Slate Canyon, Utah, US. On a trail, he saw __**9**__ kittens, and he thought __**10**__ they were wild kittens. He was right, but he __**11**__ expect a mountain lion to start following __**12**__.

The lion wanted to protect her cubs, and she __**13**__ very angry. The man tried to scare the animal away, and he made __**14**__ noises. But it did not stop __**15**__ animal, and she seemed ready to pounce several times.

In the end, the man threw a rock at the lion, and the lion finally ran __**16**__.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | A) someone | B) anyone | C) any | D) some |
| **10** | A) why | B) that | C) what | D) how |
| **11** | A) doesn´t | B) do no | C) don´t | D) didn´t |
| **12** | A) he | B) his | C) him | D) himself |
| **13** | A) were | B) is | C) was | D) be |
| **14** | A) loudest | B) loudly | C) louder | D) loud |
| **15** | A) an | B) - | C) a | D) the |
| **16** | A) up | B) from | C) in | D) away |

**17** **I can´t find my umbrella. I think somebody … it by mistake.**

A) have taken
B) has taken
C) takes
D) took

**18** **Karim climbed up the ladder to get … the roof.**

A) into
B) out of
C) onto
D) from

**19** **The Dead Sea is the … sea in the World.**

A) saltiest
B) salty
C) salt
D) saltier

**20** **In Arabia the usual way of … is by camel.**

**A)** shopping
**B)** driving
**C)** traveling
**D)** looking

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** to upload | **1)** to look at a thing again |
| **B)** to support | **2)** to make something more modern or up to date |
| **C)** to review | **3)** to help or encourage somebody/something |
| **D)** to update | **4)** to transfer data from one computer to another |
| | **5)** to do something at the last minute |

**22** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** sunset | **1)** light in the sky |
| **B)** sunrise | **2)** rising of the sun in the sky |
| **C)** rainbow | **3)** colourful appearing in the sky |
| **D)** rainstorm | **4)** heavy rain |
| | **5)** setting of the sun |

**23** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** If you invite friends, | **1)** you will pass your exam. |
| **B)** If you study hard, | **2)** we will help. |
| **C)** If you get enough sleep, | **3)** they will come. |
| **D)** If you ask us, | **4)** you will feel better. |
| | **5)** they will wait. |

**24** **Match the sentences in Column A with the replies in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** What was the best thing about the trip? | **1)** We stayed there about a week. |
| **B)** Was the weather OK? | **2)** It was excellent! I went to Karatag with my cousin. |
| **C)** How long were you there? | **3)** I entered a competition and won. |
| **D)** Hi, Omina. How was your vacation? | **4)** The weather was sunny. |
| | **5)** Not really. It was cloudy most of the time. |

**25** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** retire | **1)** hate |
| **B)** require | **2)** wish |
| **C)** regard | **3)** need |
| **D)** desire | **4)** leave |
| | **5)** respect |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1 – 8.**

**Das oder die Nutella?**

**Der, die, das**

Seit vier Jahren lerne ich Deutsch und jeden Tag lerne ich etwas Neues dazu. Zum Beispiel sind die Artikel – der, die, das - wie Drillinge für mich, die ich leicht verwechseln kann. Selbst Deutsche wissen manchmal nicht genau, welcher Artikel der richtige ist. Einmal saß ich mit zwei Mädchen am Frühstückstisch. Da sagt eines zu mir: „Kannst du mir bitte das Nutella geben?“ Das andere Mädchen korrigierte: „Es heißt die Nutella, nicht das Nutella!“ Die meisten Deutschen nutzen die weibliche Form für die Schokocreme – die Nutella. Eine verbindliche Regel gibt es nicht, weil Nutella als Eigenname nicht im Rechtschreibwörterbuch Duden steht.

(„Vitamin de“Nr. 86 Herbst 2020, Marwa-Al-Towaie.)

**1** **Seit … Jahren lernt Marwa Deutsch.**

**A)** 4
**B)** 2
**C)** 3
**D)** 1

**2** **… lernt Marwa etwas Neues.**

**A)** Täglich
**B)** Wöchentlich
**C)** Jährlich
**D)** Monatlich

**3** **Marwa kann … leicht verwechseln.**

**A)** die Familiennamen
**B)** das Rechtschreibwörterbuch
**C)** die deutsche Schokocreme
**D)** die deutschen Artikel

**4** **Selbst Deutsche wissen … nicht genau, welcher Artikel der richtige ist.**

**A)** ab und zu
**B)** häufig
**C)** stets
**D)** immer

**5** **Einmal saß Marwa … am Frühstückstisch.**

**A)** einsam
**B)** nicht allein
**C)** ganz allein
**D)** allein

**6** **Kannst du mir bitte … geben?**

**A)** den Artikel
**B)** das Lehrbuch
**C)** die Schokocreme
**D)** das Wörterbuch

**7** **Es gibt .... Rechtschreibregel.**

A) eine feste
B) eine klare
C) keine definitive
D) eine kleine

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

A) um das Tadschikischlernen an der Uni
B) um die Frühstückkarten in Deutschland
C) um die deutschen grammatikalischen Artikel
D) um die deutschen Lehrbücher

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9 – 16.**
**Farruchs Goldmedaille**

Farruch besucht die 8. Klasse in Kulob. Einmal sah __**9**__ das Training der __**10**__ und wünschte sich, auch am Zirkel für Ringen teilzunehmen. Systematisches Training half ihm, im Sambo – Ringen Fortschritte zu machen. Das bemerkte auch __**11**__ Trainer Saimumin Khosimov. Bei den Rayons – und Gebietsspartakiaden hat er immer gesiegt.

__**12**__ einiger Zeit beteiligte er sich am __**13**__ Sportfest in Duschanbe und kam mit __**14**__ Sieg zurück. Als Sieger __**15**__ er nun die Ehre unserer Republik in den Wettbewerben der GUS – Staaten verteidigen. Darüber freute sich sein Trainer. Solch __**16**__ Wettbewerb fand in Kostroma statt.

(Saifullojew Ch. Deutsch 8)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) du | B) ihr | C) wir | D) er |
| 10 | A) Schulkinds | B) Schulkinder | C) Schulkind | D) Schulkindes |
| 11 | A) meiner | B) deines | C) ihres | D) sein |
| 12 | A) Für | B) Ins | C) Nach | D) Ans |
| 13 | A) republikanischer | B) republikanisches | C) republikanischen | D) republikanischem |
| 14 | A) der | B) das | C) die | D) dem |
| 15 | A) musstest | B) mussten | C) musstet | D) musste |
| 16 | A) einer | B) einem | C) eine | D) ein |

**17** **Der Apotheker verkauft … .**

A) Schlüssel
B) Arzneimittel
C) Autos
D) Häuser

**18** **Die Eltern von meinem Ehepartner sind meine ….**

A) Schwager
B) Zwillingsbrüder
C) Schwiegereltern
D) Geschwistern

**19** **Du … nicht am Schreibtisch.**

**A)** arbeitest
**B)** arbeiten
**C)** arbeitet
**D)** arbeite

**20** **Wann gratulierst … mir zum Jubiläum?**

**A)** ich
**B)** sie
**C)** du
**D)** er

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Urlaubszeit | **1)** Brücke, die über einen Fluss führt |
| **B)** Flussufer | **2)** kurze Reise am Samstag und Sonntag |
| **C)** Flussbrücke | **3)** Ufer eines Flusses |
| **D)** Wochenendreise | **4)** Zeit, in der die meisten Menschen Urlaub haben |
| | **5)** Sonne, die hell scheint |

**22** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Meine Cousine hat ein Geschäftsbuch. | **1)** Ihr seid lieb. |
| **B)** Unser Schwager hat einen Hund. | **2)** Er heißt Rex. |
| **C)** Seine Tochter hat zwei Nichten. | **3)** Sie sind noch jung. |
| **D)** Dein Neffe hat eine Teeschale. | **4)** Sie ist aus Ton. |
| | **5)** Es ist lesenswert. |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Was für Autos gefallen dir eigentlich? | **1)** Mit ihrem Auto. |
| **B)** Mit welchem Auto sind deine Freunde zu dir gefahren? | **2)** An ein teures Präsent. |
| **C)** Wann hast du deinen Geburtstag gefeiert? | **3)** Schnelle Autos. |
| **D)** An was für ein Geschenk hast du gedacht? | **4)** Gestern Abend. |
| | **5)** Bei mir zu Hause. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Die Musik, | **1)** das ich gekauft habe, war sehr teuer. |
| **B)** Die Kinder, | **2)** den du mir geschenkt hast, finde ich toll. |
| **C)** Das Brotmesser, | **3)** die im Radio gespielt wird, gefällt meinem Kind. |
| **D)** Den Kugelschreiber, | **4)** dessen Freundinnen, sind gute Studentinnen. |
| | **5)** die im Schulhof spielen, sind meine Schüler. |

**25** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Auto | **1)** Krawatte |
| **B)** Bett | **2)** Heilmittel |
| **C)** Geschenk | **3)** Schlafplatz |
| **D)** Arzneimittel | **4)** Fahrzeug |
| | **5)** Präsent |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Le Tadjikistan**

Le Tadjikistan s'est formé comme la République Soviétique Socialiste le 14 octobre 1929. Il se trouve au sud-est de l'Asie Centrale. Les montagnes occupent la grande partie de territoire. C'est pourquoi on le nomme «Le toit du monde». Le Tadjikistan est limité par les républiques voisines: l'Ouzbéquistan au Nord-Ouest, la Kirguizie au Nord, et au Sud passe les frontières avec l'Afganistan. La Chine est au Sud-Est du Tadjikistan. La capitale de Tadjikistan est Douchanbé.

Avant la révolution le Tadjikistan n'avait ni écoles secondaires, ni écoles supérieures. L'industrie n'existait presque pas mais après la grande révolution le Tadjikistan s'est complétement transformé.

Le Tadjikistan et l'Ouzbéquistan étaient les principaux producteurs du coton en Asie Centrale. Le climat du Tadjikistan est favorable à la culture du coton, du riz et celle du tabac. On y cultive aussi le blé, la vigne, les fruits et les légumes.

**1** **Le Tadjikistan est un pays de ... .**

**A)** l'Asie Centrale
**B)** l'Ouzbéquistan
**C)** la Russie
**D)** l'Europe

**2** **Il a la frontière avec ... .**

**A)** quatre pays
**B)** cinq pays
**C)** deux pays
**D)** trois pays

**3** **L'Ouzbéquistan se trouve au ... du Tadjikistan.**

**A)** Nord
**B)** Sud-est
**C)** Sud
**D)** Nord-Ouest

**4** **L'industrie du Tadjikistan s'est changé ... .**

**A)** après la révolution
**B)** avant la révolution
**C)** pendant la révolution
**D)** on ne sait pas

**5** **En Asie Centrale le coton était la principale richesse ... .**

**A)** de l'Afganistan et de la Kirguizie
**B)** de l'Ouzbéquistan et du Tadjikistan
**C)** de l'Ouzbéquistan
**D)** du Tadjikistan

**6** **La grande partie de territoire sont occupées ... .**

A) des rivières
B) des forêts
C) des montagnes
D) des plaines

**7** **Le Tadjikistan n'a pas la frontière avec ... .**

A) l'Ouzbéquistan
B) la Kirguizie
C) le Turkménistan
D) l'Afganistan

**8** **De quoi s'agit-il dans ce texte?**

A) De la situation politique du Tadjikistan
B) De la situation géographique de l'Ouzbéquistan
C) De la situation géographique du Tadjikistan
D) De la situation politique de l'Afganistan

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**

**Voyage**

La vie sans __**9**__ est impossible aujourd'hui. A la fin d'une année __**10**__ gens reçoivent le congé, et __**11**__ ne veulent pas le passer à la maison. Ils __**12**__ se reposer, voir les __**13**__ places intéressantes et essayer les plats extraordinaires. C'est pourquoi ils voyagent à l'étranger, à une autre ville, __**14**__ mer ou dans la montagne.

D'habitude les gens planifient __**15**__ voyage d'avance. On __**16**__ réserver les billets et les chambres d'hôtel par l'internet ou par le bureau touristique.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) voyages | B) voyagent | C) voyager | D) voyage |
| 10 | A) – | B) les | C) le | D) la |
| 11 | A) elles | B) elle | C) il | D) ils |
| 12 | A) veut | B) veux | C) veulent | D) voulons |
| 13 | A) nouvelle | B) nouveaux | C) nouvelles | D) nouveau |
| 14 | A) à | B) au | C) la | D) à la |
| 15 | A) leurs | B) ses | C) son | D) leur |
| 16 | A) peux | B) pouvons | C) peuvent | D) peut |

**17** **En hivers les jours ... courts.**

A) devient
B) deviennent
C) deviens
D) devenons

**18** **Hier le président de notre république ... pour Moscou.**

A) a parti
B) partira
C) est parti
D) part

**19** **Sa grand-mère est très ... .**

**A)** vieille
**B)** vieux
**C)** vieilles
**D)** vieil

**20** **Nous sommes entrés ... la salle.**

**A)** pour
**B)** de
**C)** dans
**D)** sur

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Travail | **1)** le temps libre. |
| **B)** Rouge | **2)** le temps qui passe vite. |
| **C)** Loisir | **3)** une sorte de couleur. |
| **D)** Heure | **4)** une chose qui nous occupe toujours. |
| | **5)** un jour du mois. |

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Aujourd'hui Lola | **1)** vas au théâtre. |
| **B)** L'année passé j'ai | **2)** été à l'étranger. |
| **C)** Ce soir nous | **3)** allons au cinéma. |
| **D)** Démain je | **4)** serai libre. |
| | **5)** est en retard. |

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** Et tu ne vas pas consulter le dentiste ? | **1)** J'étais incapable de le consulter aujourd'hui. |
| **B)** Il est mieux consulter le dentiste. | **2)** Merci beaucoup. |
| **C)** Qu'est-ce qu'il est arrivé, Daler ? Tu es malade? | **3)** Si, je veux le faire demain. |
| **D)** Guéris-toi vite. | **4)** J'ai mal au dent toute la journée. |
| | **5)** A bientôt. |

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** A quelle heure reviens-tu ? | **1)** Je sors à sept heures et trente. |
| **B)** A quelle heure dois-tu être au travail ? | **2)** Je me réveille à six heures. |
| **C)** A quelle heure sors-tu ? | **3)** A cinq heures du soir. |
| **D)** A quelle heure te réveilles-tu le matin ? | **4)** Je me couche à vingt-deux heures. |
| | **5)** A huit heures je dois être au travail. |

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

| | |
|---|---|
| **A)** naissance | **1)** sous |
| **B)** nuit | **2)** dessous |
| **C)** debut | **3)** jour |
| **D)** dessus | **4)** mort |
| | **5)** debout |

**1-8. إقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ**

**عُصْفُورُ مَرْيَمَ**

كانَ لِمَرْيَمَ عُصْفُورٌ جَمِيلٌ. وَ كانَتْ تُحِبُّهُ كَثِيراً. فَعَمِلَتْ لَهُ قَفَصاً وَ وَضَعَتْهُ فِيهِ. وَ كانَ العُصْفُورُ أَلِيفاً يَأْتِي إِلَيَ مَرْيَمَ وَ يَأْكُلُ مِنْ يَدِها. وَ كانَتْ تَفْتَحُ لَهُ الْقَفَصَ حِيناً بَعْدَ حِينٍ. فَيَخْرُجُ وَ يَقْعُدُ علي رَأْسِ القَفَصِ أَوْ يَطِيرُ حَوْلَ الْبَيْتِ. وَ بِما أَنَّها كانَتْ تُحِبُّهُ كَثِيراً ما كانَتْ تَدَعُ أَحَداً غَيْرَها يُطْعِمُهُ. وَ أَرْسَلَتْ لَها عَمَّتُها يَوْماً مِنَ الأَيّامِ لُعْبَةً جَمِيلَةً. فَطارَتْ مَرْيَمَ فَرَحاً . وَ بَقِيَتْ تَلْعَبُ بِها طُولَ ذلِكَ النَّهارِ. وَ نَسِيَتْ أَنْ تُطْعِمَ العُصْفُورَ. وَ فِي الْغَدِ جاءَ إِلَيْها سَعِيدٌ إِبْنُ خالِها. فَلَعِبَتْ مَعَهُ طُولَ النَّهارِ بِلُعْبَتِها وَ لُعْبَةٍ أُخْرِي جاءَ بِها سَعِيدٌ. وَ نَسِيَتْ اَنْ تُطْعِمَ الْعُصْفُورَ. وَ فِي الْيَوْمِ الثّالِثِ تَرَكَتِ اللُّعْبَةَ وَ جائَتْ إِلَيَ الْعُصْفُورِ وَ فِي يَدَيْهَا شَيْئٌ مِنَ الْبُذُورِ لِتُطْعِمَهُ فَوَجَدَتْهُ مَيِّتاً فِي الْقَفَصِ. وَ كانَ قَدْ ماتَ مِنَ الْجُوعِ. فَحَزِنَتْ مَرْيَمُ عَلَيْهِ حُزْناً شَدِيداً.

---

**1** **ماذا عَمِلَتْ مَرْيَمُ لِلْعُصْفُورِ ؟**

A) قَفَصاً

B) بَيْتاً

C) لُعْبَةً

D) عُلْبَةً

---

**2** **مَعَ مَنْ لَعِبَتْ مَرْيَم ؟**

A) مَعَ إِبْنِ خالِها

B) مَعَ إِبْنِ عَمَّتِها

C) مَعَ خالِها

D) مَعَ عَمَّتِها

---

**3** **مَتَي جاءَ إِلَيْها سَعِيدٌ؟**

A) لَيْلاً

B) صَباحاً

C) مَساءاً

D) غَداً

| 4 | فِي أيِّ يَوْمٍ تَرَكَتِ اللُّعْبَةَ ؟ |
|---|---|

A) فِي الْيَوْمِ الثَّالِثِ

B) فِي الْيَوْمِ الثَّانِي

C) فِي الْغَدِ

D) فِي ذلِكَ الْيَوْمِ

| 5 | ماذا كانَتْ فِي يَدِ مَرْيَمَ ؟ |
|---|---|

A) أَلْعَدَسُ

B) أَلْبُذُورُ

C) أَلْأَرُزُ

D) أَلْحَبَّةُ

| 6 | بِأيِّ سَبَبٍ ماتَ العُصْفورُ؟ |
|---|---|

A) مِنَ العَطَشِ

B) مِنَ الْشُّرْبِ

C) مِنَ الْجُوْعِ

D) مِنَ الْأَكْلِ

| 7 | فَلَعِبَتْ مَعَهُ طُولَ النَّهارِ... |
|---|---|

A) بِلُعْبَتِهِمْ

B) بِلُعْبَتِهِنَّ

C) بِلُعْبَتِها

D) بِلُعْبَتِه

| 8 | عَمَّ يَتَحَدَّثُ فِي النَّصِّ؟ |
|---|---|

A) عَنْ لُعْبَةِ مَرْيَمَ

B) عَنْ صَداقَةِ مَرْيَمَ

C) عَنْ طِياشَةِ مَرْيَمَ

D) عَنْ مَحَبَّةِ مَرْيَمَ

**إقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 9-16.**

**أَلْعُلْجُومُ وَ السَّرَطانُ (I)**

__9__أَنَّ عُلْجُوماً عَشَّشَ في أَجَمَةٍ كَثِيرَةِ__10__. فَكانَ يَقْتاتُ بِما فيها مِنَ السَّمَكِ. فَعاشَ __11__ما عاشَ ثُمَّ هَرِمَ فَلَمْ يسْتَطِعْ صَيْداً. فَأَصابَهُ جُوْعٌ وَ هَزالٌ شَدِيدٌ. فَجَلَسَ يوماً حَزِيناً يَلْتَمِسُ الحِيلَةَ __12__أَمْرِهِ. فَمَرَّ بِهِ سَرَطانٌ فَرَأي حالَتَهُ وَ دنا مِنْهُ وَ قالَ لَهُ مالي أراكَ أَيُّها الطَّائِرُهَكَذا حَزِيناً كَئِيباً؟ قالَ الْعُلْجُومُ وَ كَيْفَ __13__وَ قَدْ كُنْتُ أَعِيشُ مِنْ صَيْدِ ما هَهُنا مِنَ السَّمَكِ. وَ __14__رَأَيْتُ أَلْيَومَ صَيّادَيْنِ قَدْ مَرَّا بِهذا الْمَكانِ فَقالَ __15__لِصاحِبِهِ إِنَّ هَهُنا سَمَكاً كَثِيراً أَفلا نَصِيدُهُ أَوّلاً؟ فَقالَ الآخَرُ إِنِّي قَدْ رَأَيْتُ في مَكانِ كذا سَمَكاً أَكْثَرُ مِن هذا السَّمَكِ فَلْنَبْدَأْ بِذالِكَ فَإذا فَرَغنا مِنْهُ جِئْنا إِلي هُنا __16__ما فيهِ مِنَ السَّمَكِ

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) أَحْكي | B) نُحْكي | C) تُحْكي | D) يُحْكي |
| 10 | A) سَمَكْ | B) السَّمَكِ | C) السَّمَكُ | D) السَّمَكَ |
| 11 | A) بِهِمْ | B) بِهِنَّ | C) بِهِ | D) بِها |
| 12 | A) مِنْ | B) إلي | C) في | D) علي |
| 13 | A) لا تَحْزَنْ | B) لا تَحْزَنُ | C) لا أَحْزَنُ | D) لَمْ أَحْزَنْ |
| 14 | A) إِنَّهُ | B) إِنّا | C) إِنَّكَ | D) إِنِّي |
| 15 | A) أَحَدُهُنَّ | B) أَحَدُها | C) أَحَدُهُمْ | D) أَحَدُهُما |
| 16 | A) فَصِدْتُ | B) فَصِدْتِ | C) فَصِدْتَ | D) فَصِدْنا |

---

**17** **إِخْتَرالفِعْلَ الْصَّحِيحَ:**

A) سَأَلَ

B) سَعَلَ

C) وَثَبَ

D) صارَ

---

**18** **إِخْتَرْ الْفِعْلَ الْمُعْتَلِّ:**

A) أَمَرَ

B) إِسْتَغْفَرَ

C) حاوَلَ

D) تَدَحْرَجَ

**19** **فِي أَيِّ فَصْلٍ يُحْتَفَلُ نَورُوز؟**

**A)** في الرَّبيعِ

**B)** في الْخَريفِ

**C)** في الصَّيفِ

**D)** في الشِّتاء

**20** **وَرَقُ الشَّجَرَةِ...**

**A)** أَسْوَدُ

**B)** أَبْيَضُ

**C)** أَخْضَرُ

**D)** أَحْمَرُ

**21** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** هُنَّ | **1)** تَنْعَقُ |
| **B)** هُمْ | **2)** يَنْعَقُ |
| **C)** هِيَ | **3)** يَنْعَقُونَ |
| **D)** هُوَ | **4)** يَنْعَقْنَ |
| | **5)** تَنْعَقْنَ |

**22** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| **A)** جَمَلٌ | **1)** الضَّمِيرُ |
| **B)** حَمَلَ | **2)** الْفِعْلُ |
| **C)** وَراءَ | **3)** الظَّرْفُ |
| **D)** مَعَ | **4)** الْحَرْفُ |
| | **5)** الإسمُ |

**23** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

A) الأَوْرادُ
B) الْوَرْدان
C) الْوَرْدُ
D) أَلْوَرْدَيْنِ

1) باهِرانِ
2) باهِرَيْنِ
3) باهِرَةٌ
4) باهِرٌ
5) باهِرَتانِ

**24** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

A) لا تُقاطِعْ
B) قاطِعْ
C) يُقاطِعُ
D) قاطَعَ

1) الْمُضارِعُ
2) الماضي
3) الْنَّهي
4) اَلنَّفي
5) ألأَمْرُ

**25** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

A) أَقْرَأُ الْمَجَلَّةَ
B) أَشْرَبُ الشّاَيَ
C) أَكْتُبُ العِبارَةَ
D) أفْتَحُ الْبابَ

1) بِالْكُرَةِ
2) بِالْمِفْتاحِ
3) بِالْكَأْسِ
4) بِالنَّظّارَةِ
5) بالْقَلَمِ